**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович ба таҳлилу таҳқиқи осори манзуми Аминчон Шукӯҳӣ ва таъйини нақши ӯ дар таҳаввули назми солҳои 50-70-уми асри XX бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки рӯзгору осори Аминҷон Шукӯҳӣ ва саҳми ӯ дар рушду таҳаввули назми муосири тоҷик дар қолаби диссертатсия бори аввал таҳқиқ шудааст.

Мавзӯи интихобкардаи диссертант аз нигоҳи муҳтаво фарогири таҳқиқи ҳамаҷонибаи зиндагинома, таснифи мероси адабӣ, зинаҳои камолоти суханварӣ, мавзӯю мундариҷаи ашъор, анъанаю навоварӣ, сабки нигориш, бадеияти ашъор ва муайян кардани ҷойгоҳи Аминҷон Шукӯҳӣ дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик мебошад.

**Навгониҳои диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба рӯзгор ва мероси адабии Аминҷон Шукӯҳӣ буда, мавзӯю мундариҷа, тасвиргароиву навпардозиҳо, забону услуби эҷодӣ, бадеияти ашъор ва нақшу хидматҳои Аминҷон Шукӯҳӣ дар таҳаввули шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист бори аввал таҳқиқ шудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқро** маҷмӯаҳои ашъори «Суруди чашмасор» (1948), «Ватани сулҳ» (1950), «Рӯзҳои мо» (1954), «Садои дил» (1956), «Нафаси гарм» (1964), «Илҳом» (1970), «Арзи қалам» (1971), «Чормағз» (1973), достони «Кӯчабоғи ошиқон» (1962), «Асарҳои мунтахаб» (ҷилдҳои 1 ва 2, 1977, 1978), гулчини ашъору осори пас аз фавти шоир интишоршуда ташкил додаанд. Ҳамчунин, дар раванди

таҳқиқ осори дигар адибони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла А.С. Пушкин, М. Лермонтов, М. Турсунзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Ш. Лоиқ, Б. Собир бо мақсади баррасиҳои қиёсӣ истифода шудаанд.

Дар се боб ва зерфаслҳои диссертатсия исбот шудааст, ки осори Аминҷон Шукӯҳӣ дар анвои гуногун таълиф ёфта, назму насри бадеӣ, публитсистию драмавӣ, ҳаҷвиёту осори бачагона ва ашъори тарҷумавию афкори адабӣ-эстетикии адиб метавонанд объекту масъалаҳои таҳқиқҳои ҷудогона бошанд. Масъалаи меҳварии таҳқиқоти Бобомаллаев И.Ҷ. баррасии осори манзуми шоир ва нуктаҳои марбут ба он мебошад.

Диссертатсия дар асоси методи муқоисавӣ-таърихӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ навишта шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант ба назария ва усули таҳқиқу дастовардҳои илмии адабиётшиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст. Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 8 мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар 4 мақолаи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқот ва моҳияти мавзӯи пажӯҳишӣ зикр ёфта, масоили марбут ба зиндагинома, фаъолияти эҷодию ҷамъиятӣ, мавзӯю мундариҷаи ашъор, ворисияти адабию навпардозӣ, забону услуб ва ҷанбаҳои бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ натиҷагирӣ гардида, дурнамои мавзӯи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри ХХ

(Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

| | |
|---|---|
| **Ӯлмасова Замирахон – Ҳабибуллоевна** | доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» |
| **Муҳаммадиев Шамсиддин – Муродович** | номзали илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Кӯчарзода А.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Сафаров У.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — М. Нарзиқул